Мавзӯъи мазкур ба замимаи № 2, Фармоиши ВТҲИА ҶТ аз
1 апрели соли 2020 тахти №223 илова карда шуд

Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Дастур оид ба таҳияи саҳначаҳои намоишӣ
барои гурӯҳи театрии ҷомеавӣ.

# Нигоҳубини "кулча"-и солим тавассути "5 давраи асосии ҳаёти кӯдак"



# Муқаддима

Дастури мазкур оид ба таҳияи саҳначаҳои намоишӣ барои дастаи театрии ҷомеавӣ дар вилояти Хатлон бахри тағйироти рафтор пешбини шудааст. Дастур дар доираи лоиҳаи USAID «Модари солим, кудаки солим» таҳия шуда, ҳадафи он беҳтар намудани саломатии модару кӯдак дар оилаҳое, ки дар он занони ҳомиладор ва/ё кӯдакони то ду сола доранд, мебошад.

Ин оилаҳо, ки маъмулан "Хонаводаҳо дар доираи 1000-рӯз" номида мешаванд, меҳвари асосӣ мебошанд, зеро давраи афзоиш, ки аз давраи ҳомиладорӣ то зодрӯзи дуюми кӯдак (тақрибан 1000 рӯз) аст, давраи муҳим дар ҳаёти кӯдак мебошад. Дар ин муддат қадпастиро пешгирӣ кардан мумкин аст.

Барномаи "5 давраи ассосии ҳаёти кӯдак" марҳилаҳои муҳимтарини қадкашӣ ва рушдро дар тӯли ин 1000 рӯз тавсиф мекунад. Ҳар як «давраи ҳаёт» як давраи қадкашӣ ва рушду инкишофи кӯдакро ифода мекунад, ки дар он оилаҳо метавонанд барои беҳтар намудани саломатии кӯдак чораҳои мушаххас андешанд.




**Донаи гандум – Ҳомиладорӣ**

**Неш задани гандум (0-7 рӯз)**

**Хӯшаи гандум – (8-40 рӯзҳо)**

**Орду хамир – (1-5 моҳа)**

**Кулча – (6-23 моҳа)**

# Барои чи саҳнача?

Саҳнача воситаи муҳимест барои тағйир додани рафтор. Он метавонад ба оилаҳо дар қабули рафтори нав тавассути баланд бардоштани огоҳӣ, ҳалли меъёрҳои ҷомеа ва иҷтимоӣ ва ба даст овардани дастгирии аъзоёни ҷомеа кӯмак кунад. Тавассути саҳначаи ҷолиб, лоиҳаи USAID "Модари солим, кӯдаки солим" умедвор аст, ки аъзоёни ҷомеаро барои баланд бардоштани огоҳӣ ва ҳалли масъалаҳои мубориза алайҳи қадпастӣ ва саломатии нохубӣ модарон дар Хатлон ҷалб созад.

# Дастури мазкурро кӣ бояд истифода барад?

Ин дастур барои дастаҳои ҳаваскор дар вилояти Хатлон, ки саҳначаҳо баргузор мекунанд, пешбинӣ шудааст. Он ҳамчун дастур барои кӯмак ба дастаҳои мазкур дар таҳияи саҳначаҳо дар бораи қабули қарорҳои оилавӣ оид ба ҳифзи саломатии модару кӯдак, ҳамчунин қабули қарорҳои оилавӣ оид ба ғизо барои саломатии модар ва кӯдак истифода мешавад.

# Баррасии дастури саҳначаҳо

Дастури саҳначаҳо аз панҷ фасли асосӣ иборат аст: тавсифи мухтасари ҳикоя, хислати қаҳрамонон, муносибати эҷодӣ, баррасии ҳадафҳои рафтор ва бахши саҳнаи ниҳоӣ. Ҳар як бахш барои дастаи ҳаваскор ҳангоми таҳияи сенарияхо ва ба охир расондани кор тавсияҳои мушаххас медиҳад. Инҷо расонидани ғояҳои асосӣ дар бораи саломатии модару кӯдак, ғизо ва қабули қарорҳои оилавӣ муҳим аст. Дастаҳои ҳаваскор бояд худро дар мутобиқ кардани иловаҳои зарурӣ озод ҳис намоянд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки саҳначаи ниҳоӣ барои ҳар як шунаванда бо матн мувофиқ бошад.

### Мазмуни мухтасари ҳикоя:

Ин асоси ҳикояро тасвир мекунад ва онро бояд роҳбарони дастаҳои ҳаваскор ҳамчун сенарияи асосӣ истифода баранд. Дастаҳои ҳаваскор бояд мазмуни асосии ҳикояро нигоҳ доранд, аммо метавонанд баъзе тағйирот ворид кунанд, то ҳикояро ба шароити маҳал мутобиқ созанд. Номи одамон, ғизо ва дигар ҷузъиёти муҳимро иваз кунанд. Мазмуни ногаҳонӣ, ҳикояҳои ҳайратовар ва ҷолиб набояд тағйир дода шаванд, зеро онҳо барои ба ҳайрат овардани тамошобинон ва нигоҳ доштани онҳо дар ҳалқаи қаҳрамонҳо ва сюжет пешбинӣ шудаанд.

### Хусусиятҳои қаҳрамонон:

Дар нақшҳо қаҳрамонони оилаи муқаррарӣ тасвир ёфтаанд, ки дар онҳо тағйироти рафтор бояд ба амалояд. Дастаҳои ҳаваскор метавонанд ин нақшҳоро ҳамчун маълумоти асосӣ барои ҳар як қаҳрамон истифода баранд, аммо метавонанд ба ҷузъиёти ҳар як қаҳрамон бо додани хусусиятнокии беназир, аз қабили намуди зоҳирӣ, овоз, хислатҳои шахсият ва ғайра илова кунанд, то онҳоро зинда кунанд ва ба онҳо хислати маҳаллӣ бахшанд.

### Баррасии ҳадафҳои тағйири рафтор:

Ҳадафҳои тағйир додани рафтор ин тағйиротҳое мебошанд, ки саҳнача бояд нишон диҳад. Ин ҳадафҳои рафтор бояд дар тамоми сенарияҳо мувофиқи дастур бофта ва таҳия шаванд ва онҳо набояд тағйир дода шаванд.

### Муносибати эҷодӣ:

Муносибати эҷодӣ шакли саҳнабозӣ ва техникаи драмавии истифодашударо тавсиф мекунад. Нақш интерактивӣ буда, аз 5 амал иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо яке аз 5 давраи асосии ҳаётро ифода мекунад. Дар охири ҳар як амал баранда аз тамошобинон хоҳиш мекунад, ки дар қабули қарор ба қаҳрамонҳо кӯмак кунанд. Инчунин муҳим аст, ки баранда дар шарҳ додани оқибат ва манфиатҳои интихоби тамошобинон барои қаҳрамонҳо кӯмак кунад.

### Саҳнаи ниҳоӣ:

Дар саҳнаи ниҳоӣ амал қатъ мегардад ва баранда ба тамошобин бо анҷоми «ғайричашмдошт» сухан мегӯяд. Баранда намоишномаро бо хулосаҳои муҳим барои тамошобин оиди рафторҳои ҳадафӣ дар 5 давраи асосии ҳаёт бо суханони рӯҳбаландкунанда ба итмом мерасонад.

# Хулосаи ҳикоя

***Шавҳар, зан ва хушдоман оилаи муқаррарӣ мебошанд, ки дар вилояти Хатлон зиндагӣ мекунанд.***

Ҳикоя дар бораи оила дар давраи ҳомиладории зан то синни дусолагии кӯдак нақл мекунад.

Саҳнача бо намоиши як оилаи номусоид оғоз мешавад, ки барои муттаҳидшавӣ, муоширати меҳрубонона ва дастгириро бояд омӯзанд.

Ҳарчанд ҳар се калонсол одамони хубанд ва ҳамдигарро дӯст медоранд, аммо ғурур ва худхоҳии онҳо баъзан барои хушбахт будани онҳо монеа мешавад. Шавҳар мушкилоти молӣ дорад, ки мехоҳад худаш ҳал кунад. Танҳо пас аз чанде ӯ дарк мекунад, ки занаш якчанд фикру хулосаҳои хубе дорад, ки метавонад ба оилаи онҳо дар нақшаи якҷояи чӣ гуна сарф кардани маблағ ва беҳтар кардани ғизои кӯдак кӯмак кунад. Ин фикрҳо аз ҷониби хушдоман боз ҳам беҳтар карда мешаванд, вақте ки вай ғурури худро ба як сӯ мегузорад, то бо келин сӯҳбатҳои меҳрубонона ва дастгирӣ кунад. Зан дар аввал ба беқадр будани худ дар зиндагӣ тан дода буд.

Бо мурури замон, вақте ки зан, шавҳар ва хушдоман дар бораи ғизо дар гурӯҳҳои ҷомеаи худ, аз ҳамсолони худ ва аз корманди тиб маълумоти бештар мегиранд, онҳо ба мубодилаи иттилоот ва ғояҳое шурӯъ мекунанд, ки на танҳо ба кӯдаки истеъмолкунандаи ғизои солим аҳамият медиҳанд, балки ба оилаи нисбатан хушбахттар табдил меёбанд. Бо кӯмаки тамошобинон ҳар як аъзои оила дар давоми 5 давраи асосии ҳаёти кӯдаки худ бартариҳои муошираи хуби зану шавҳар, муошираи оилавӣ ва қабули қарори муштаракро дарк мекунад. Дар охири саҳна муҳаббат ва хушбахтӣ дар оила бештар мегардад, зеро ҳама солим инкишоф ёфтани кӯдакро мушоҳида мекунанд.



# Нақшҳо



## ШАВҲАР

Марди некнияте, ки аз сарвари оила буданаш ифтихор дорад, вай занашро дӯст медорад ва аз буданаш лаззат мебарад, аммо фикру ақидаҳои ӯро қадр намекунад. Сӯҳбатҳои ӯ бо ҳамсараш аксар вақт сӯҳбатҳои оддӣ мебошанд, гарчанде ки баъзан онҳо барои фарзанди худ лаҳзае пайдо мекунанд. Масалан, вақте ки кӯдак табассум карданро оғоз мекунад, ин як лаҳзаи шодии муштарак барои зану шавҳар аст. Вақте ки кӯдак дар табларза аст, шавҳар ҳам мисли занаш нигарон аст. Аммо ҳангоме ки ниёз дорад бо касе маслиҳат бикунад ё андешаҳояшро бигӯяд, шавҳар бо модараш сӯҳбат карданро афзалтар медонад. Вай бо модараш муносибати хеле қавӣ дорад ва фикри ӯро эҳтиром мекунад. Шавҳар ҳамеша дар мавзӯи маблағ асабонӣ ҳаст ва ҳеҷгоҳ ин мавзӯъро бо ҳамсараш, ё бо модараш муҳокима намекунад.



## ЗАН

Ҷавонзани зебо, итоаткор ва меҳрубон, ки шавҳарашро дӯст медорад ва мехоҳад, ки онҳо бо ҳам наздиктар бошанд. Вай ҳамеша бо корҳои хона ва нигоҳубини аъзоёни оила банд аст. Вай нисбат ба хушдоманаш кинаи ниҳон дорад, ки ба ақидаи ӯ, дидаву дониста ӯро аз доштани муносибатҳои ошкоро, боваринок ва пурмуҳаббате, ки мехоҳад бо шавҳараш дошта бошад, боз медорад. Вай бо тамоми ҳастиаш кӯшиш мекунад, ки дили хушдоманашро ёбад. Вай аз модар будан ифтихор дорад ва хушбахт аст, аммо мехоҳад, ки аз ҷониби шавҳар ва хушдоман бештар дастгирӣ дошта бошад. Вай аз ёрӣ пурсидан ҷуръат намекунад ва шарм медорад.



## ХУШДОМАН

Зани боваринок, баркамол, ки писарашро хеле дӯст медорад ва бо ӯ хеле ифтихор мекунад. Вай набераашро дӯст медорад ва дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ мекунад. Ӯ мехоҳад, ки наберааш лоиқи зиндагии беҳтарин бошад. Вай фикр мекунад, ки келинаш, ҳамчун зан дар асл ба писараш арзанда нест. Воқеан ҳам, хеле кам занҳо метавонанд сазовори писари ӯ бошанд. Хушдоман зани мағрур ва худхоҳ аст. Тасаввур карданаш душвор аст, ки вай хато карда метавонад ва иқрор шудан аз ин ҳам душвортар аст, ки агар воқеан дар чизе хато кунад ё ноҳақ бошад. Мағрурӣ ва худхоҳии ӯ зиндагии келинашро каме мушкил мекунад. Аксар вақт келинашро танқид мекунад ва аз таърифкунии ӯ худдорӣ мекунад, зеро бовар дорад, ки ин  келинашро эрка мекунад. Инчунин, вай модарони ҷавон ва талаботҳои онҳоро дарк намекунад. Вай фарзандони бисьёреро ба воя расондааст ва хамаи онхо худро хеле хуб хис мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, хушдоман келинашро пинҳонӣ дӯст медорад ва агар келин ба маслиҳати ӯ гӯш диҳад, бовар дорад, ки бо мурури замон келинаш ба зани бисёр хуб барои писараш, ва модари хуб барои наберааш мубаддал мегардад.

# Нақшҳо



### КӮДАК

Писарбачаи ширини то синни дусола.



### АЪЗОИ ГУРӮҲИ ДАСТАИ ҶОМЕАВИИ САЛОМАТӢ

Пиразани донишманд, бообрӯ ва пуртоқате, ки ба оилаҳо дар омӯхтани ғизои модар ва кӯдак кӯмак мекунад. Ӯро дар байни ҷомеаи худ нағз мешиносанд ва эҳтиром мекунанд.



### БАРАНДА

Марди доно, обрӯманд, муваффақ ва баркамол. Синни ӯ, агар андаке зиёд набошад, қариб 40-сола аст. Шояд ин як пешвои дин ё дигар пешвои мӯҳтарам ё шахси касбӣ (масалан, ҳуқуқшинос, судя, табиб, сарвари маҳалла) бошад. Вай ба тамошобинон бо мулоҳиза, хайрхоҳона ва бо эҳтиром муроҷиат мекунад. Фикру мулоҳизаҳои онҳоро мешунавад ва баъд аз ҳикмати худ нақл мекунад,  аксар вакт дар назм ва шоирона.

# Муносибати эҷодкорона

Ҳикоя тавассути ***панҷ амале*** нақл карда мешавад, ки барои ҳамсарон ва хушдоманҳо дар давоми ***панҷ давраи асосии хаёт*** марҳилаҳои муҳимро нишон медиҳанд. Оила мефаҳмад, ки дар сурати ошкоро ва муттаҳид буданашон, ғизодиҳии модару кӯдакро беҳтар карда, бахту саодати ҳақиқии оиларо пайдо карда метавонад.

Саҳнача бояд тавре таҳия ва баррасӣ карда шавад, ки тамошобинон дар охири ҳар як саҳна муомила, муҳокима ва хулосабарорӣ карда тавонанд. Ҳар як саҳна бо вазъияте анҷом меёбад, ки баранда аз тамошобин мепурсад, ки оё яке аз қаҳрамонони асосӣ бояд бо аъзои оила ба муколама ворид шавад. Дар ҳар маврид беҳтарин амал ин гуфтугӯ, муоширати оилавӣ, тақсими бори зан ва тақсими даромади оила барои беҳтар кардани ғизои зану кӯдак мебошад.

- Агар тамошобин амали дурустро интихоб кунад, ҳикоя бо натиҷаҳои хуб оиди ғизои солим, саломатии ЗАН ва КӮДАК ва умуман оилаи хушбахт идома меёбад.
- Агар тамошобин амали нодурустро интихоб кунад (яъне, набудани муошрати хуб ва дастгирӣ), он гоҳ ҳикоя бо натиҷаи бад идома меёбад (масалан, зан ё кӯдак дар беморхона бемор ва умуман оила бадбахт аст).
- Барои ҳар ду амал, баранда бо шунавандагон муҳокима мекунад, то дарси омӯхташударо мустаҳкам кунад, ки амали интихобкардаи онҳо ба натиҷаи хуб ё бад оварда мерасонад ва сабаби онро шарҳ медиҳад.
- Дар ҳолати аз тарафи тамошобин интихоби амали нодуруст, ин амал дар саҳнача намоиш ва хулосаи он аз тарафи баранда шарҳ дода мешавад. Сипас, баранда аз актёрҳо хоҳиш мекунад, ки амали дурустро (муошрати хуб ва дастгирии оила) ба намоиш гузоранд ва бо тамошобин сӯҳбат мекунад, то фарқи онро шарҳ диҳад.

# Ҳадафҳои тағйироти рафтор

5 саҳнаи намоиш ба мақсадҳои гуногуни тағйироти рафтор бахшида шуда, бо лаҳзаи ҳаяҷонбахш анҷом меёбад. Дар охири хар як саҳна баранда аз тамошобин хоҳиш мекунад, ки аз қаҳрамонони саҳна интихоби худро кунанд. Ҳарчанд ҳар як гурӯҳи эҷоди ҷузъиёти саҳнаҳоро ба шароити маҳаллии худ мутобиқ карда метавонад, аммо ҳадафи тағйири рафтор ва формати эҷодии вазъият набояд тағйир ёбад. Ин усул ба тамошобинон кӯмак мекунад, ки дар ҳикоя иштирок кунанд ва худро дар вазъияте, ки қаҳрамонон ҳангоми кӯшиши тағйир додани рафтори худ дучор меоянд, бубинанд.

Ҳадафҳои тағйир додани рафтор дар поён ҷамъбаст карда мешаванд. Саволҳое, ки бо ранги сурх нишон дода шудаанд, саволҳое мебошанд, ки баранда бояд дар охири ҳар як саҳна аз шунавандагон пурсад. Баранда бояд боварӣ ҳосил кунад, ки муҳокима кашол наёбад, то ки таваҷҷӯҳи шунавандагон боқӣ монад. Беҳтар мешавад, ки муҳокима барои ҳар як пардаи намоиш набояд аз 5-10 дақиқа зиёд бошад.

## ДОНАИ ГАНДУМ - ҲОМИЛАДОРӢ
### Саҳнаи 1. Ҳадафи тағйир додани рафтор:

Шавҳар ва хушдоман ҳангоми ҳомиладорӣ ба зан / келин кӯмак мекунанд, ки баъзе корҳои хонаро ба ӯҳда гиранд ва ӯро ташвиқ мекунанд, ки вақти бештарро барои истироҳат ва хӯроккхӯрӣ сарф кунад.

#### Поёни амали 1. Вазъият:

Зан ҳомиладор аст ва худро хеле хаста ҳис мекунад. Вай мехоҳад, ки дар корҳои хонааш аз хушдоман ва шавҳар кӯмак пурсад, аммо ӯ аз ин кор худдорӣ мекунад, зеро метарсад, ки онҳо гумон мекунанд, ки вай беҳуда менолад. **Баранда аз тамошобинон мепурсад: Оё ЗАН бояд аз хушдоман ва шавҳар кӯмак пурсад ё ӯ бояд аввал арзиши худро ҳамчун зани ҷавони меҳнатдӯст исбот кунад? Аз шунавандагон пурсед: Чаро шумо чунин мешуморед?*

## НЕШИ ГАНДУМ- ҲАФТ РӮЗИ АВВАЛ
### Саҳнаи 2. Ҳадафи тағйироти рафтор:

Шавҳар ва хушдоман ба зан/ келин дар нигоҳубини тарзи "кенгуру" (тамоси пӯст ба пӯст) дарҳол пас аз таваллуд кӯмак мекунанд, шири аввалро ба кӯдак медиҳанд, танҳо шири сина медиҳанд ва дар давоми 10 рӯзи аввали баъди таваллуд ба нигоҳубин кӯмак мерасонанд.

#### Поёни саҳнаи 2. Вазъият:

Шавҳар ба ёд меорад, ки дар таваллудхона ба ӯ гуфтаанд, ки кормандони тиб баъди таваллуд ба аёдати ҳамсараш меоянд ва аз вазъи модару кӯдаки навзод хабардор мешаванд. Ягон корманди тиб наомадааст! Шавҳар фикр мекунад, ки агар ба зан ё модараш чизе гӯяд, ӯро барои дахолат ба корҳои занон масхара мекунанд. **Баранда аз ҳозирон мепурсад: Шавҳар чӣ корро бояд анҷом диҳад? Оё ӯ бояд интизор шавад ва бубинад, ки корҳо чӣ гуна анҷом меёбанд? Ё ӯ бояд бо занаш сӯҳбат кунад? Ё ин ки фикри модаршро пурсад?*



## ХӮШАИ ГАНДУМ — 8-40 РӮЗА

### Саҳнаи 3. Ҳадафи тағйироти рафтор:

Шавҳар ва хушдоман ба зан/келин дар идома додани синамаконӣ кӯмак мекунанд.

**Поёни саҳнаи 3. Вазъият:**

Шавҳар аз як манбаи боваринок (радио, намояндаи дин, рӯзнома) мешунавад, ки барои ғизо, саломатӣ ва рушди кӯдак синамаконӣ дар шаш моҳи аввал хеле муҳим аст. Ӯ инчунин аз сӯҳбати модараш бо келин мешунавад, ки ҳаво хеле гарм аст ва ба кӯдак обу шарбат додан лозим аст, зеро кӯдак эҳтимол хеле ташна аст ва танҳо шири модар кофӣ нест. **Баранда аз ҳозирин мепурсад: ШАВҲАР он чиро, ки омӯхтааст ва шунидааст, ба модараш бигӯяд ё аз барои эҳтироми модар хомӯш монад?*



## ОМОДА КАРДАНИ ХАМИР — 40 РӮЗА - 5 МОҲАГӢ

### Саҳнаи 4. Тағйироти рафтор:

**1.** Шавҳар ва хушдоман ба зан/келин ёрӣ медиҳанд, ки барои синамаконӣ вақти бештар дошта бошанд. **2.** Шавҳар маблағи бештар сарф мекунад, то модар ҳангоми ширдиҳӣ хӯрокҳои серғизо дошта бошад. **3.** Модар дар лаҳзаҳои муҳим (пас аз рафтан ба ҳоҷатхона, пас аз иваз кардани уребчаҳо, пеш аз тайёр кардани хӯрок, пеш аз таом додани кӯдак) дастҳои худро бо собун мешӯяд.

**Поёни саҳнаи 4. Вазъият:**

Ҳангоми ташрифи навбатии аъзоёни дастаҳои ҷомеавии саломатӣ хушдоман фаҳмид, ки бояд ба кӯдакони аз синни шашмоҳа пуреи сабзавот хӯрондан лозим аст. Ин боиси тааҷҷуб ва хиҷолат барои хушдоман шуд, ки то ин дам ба келинаш маслиҳат медод, ки ба кӯдак танҳо шавлаҳои тунуки обдор диҳад. Кӯдак ҳоло 7-моҳа аст ва ҷузъ аз моеъ - шири модар, об, шарбат ва шиллаи биринҷии обӣ дигар ҳеҷ чиз нахӯрдааст. **Баранда аз шунавандагон мепурсад: Оё хушдоман бояд ин маълумоти навашро ба келин гӯяд? Оё вай бояд аз писараш хоҳиш кунад, ки ин маълумотро бо занаш нақл кунад? Оё вай бояд хомӯш бошад, то обрӯи худро нигоҳ дорад, зеро эътироф кардани хатогии худ хеле хиҷолатовар аст?*



## КУЛЧА — 6 - 23 МОҲ

### Саҳнаи 5. Ҳадафҳои тағйироти рафтор:

**1.** Хушдоман ба келинаш кӯмак мекунад, ки аз 6 моҳагӣ ба ғизои кӯдак сабзавоти серғизо (кабӯдиҳо, сабзавот, меваҳо), тухм ва гӯшт ворид кунад. **2.** Ҳамсарон ва хушдоман барои муҳокима кардани маблағҳои оила ҷамъ меоянд ва якҷоя кор мекунанд, то нақшаеро таҳия кунанд, то ба онҳо кӯмак расонанд, ки кӯдаки онҳо (6 то 23 моҳа) хӯроки серғизо ва гуногун истеъмол кунад.

**Поёни саҳнаи 5. Вазъият:**

Оила бо душвориҳои зиёди молиявӣ рӯ ба рӯ аст: дар оила чун ҳарвақта маблағ намерасад. ЗАН андеша мекунад, ки оё аз волидонаш пурсад, ки оё вай метавонад аз онҳо қарз гирифта, барои кӯдак хӯроки серғизо бихарад? **Баранда аз шунавандагон мепурсад: Оё ЗАН бояд рафта, аз волидон пул пурсад, (ё манбаи дигари маблағро пайдо кунад) ё аз хушдоманаш маслиҳат пурсад?*

# Саҳнаи ниҳоӣ

Шавҳар, зан ва хушдоман дар саҳна шах мешаванд. Баранда бо меҳру муҳаббат ба ҳар яки онҳо, барои кори хайре, ки дар тарбияи кӯдак дар ***"панҷ давраи асосии ҳаёт***" нақш офариданд, ташаккур мегуяд. Ба қаҳрамонон муроҷиат намуда, чунин мегӯяд: "Модарҷони азизи ман", "Падарҷони меҳрубони ман" ва "Бибиҷони азизи ман" (ё иборахои дигари меҳрубонона, ширин ва дилчаспи хоси тоҷикона нисбати калонсолон ё ба модар, падар ва модаркалонаш истифода мебарад).

*Маҳз дар ҳоле, ки баранда ба ин тарз ҳарф мезанад, тамошобинон ногаҳон дарк мекунанд, ки ровӣ воқеан як кӯдаки ба воя расида аст ва саргузашти 1000 рӯзи аввали ҳаёти худро бо волидон ва модаркалон нақл мекунад*

Баранда ин лаҳзаи ҳаётро ба тамошобинон фаҳмонда, тасдиқ мекунад, ки модараш ба онҳо нақл карда буд, ки чӣ тавр ӯ, падар ва бибиаш пас аз якчанд кӯшишҳо ва паси сар кардани пастиву баландиҳои зиндагӣ, ниҳоят ҳамфикр шуданд. Ҳоло, ки ӯ як шахси калонсоли муваффақ аст, вай метавонад тасдиқ кунад, ки муоширати оилавӣ ва қабули қарорҳои муштарак ба ӯ кӯмак намуд, то ки ҳаётро аз ғизои солим оғоз карда дар зиндагӣ шахси муваффақ гардад. Ӯ ба шунавандагон мегӯяд, ки ҳамаи онҳо аз ин дарсҳои ҳаёт омӯзанд ва вақте, ки ба хона баргаштанд дарси муҳаббат, муоширати хуб ва тасмимгирии муштаракро бо шавҳарон, занон ва модарони худ ба кор баранд. Барранда онҳоро ташвиқ менамояд, то ки онҳо муттаҳид бошанд, ғизои дурусти модару кӯдакро дар 1000 рӯзи аввали ҳаёт риоя кунанд ва фарзанди худро мисли аз донаи "гандум" то ба "кулча" солиму доно тарбия кунанд.